## ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Қаландаров Сарабек Давлатёрович дар мавзуи «Нақши ВАО дар инъикоси равобити мутақобилаи Тоҷикистони соҳибистиқлол ва мамолики арабзабони Халиҷи Форс (Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, Қатар ва Аморотӣ Муттаҳидаи Араб)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ. – Душанбе, 2025. – 384 с.**

Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон на танҳо дар рушди соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи ҷумҳурӣ заминаҳои сиёсиву иқтисодӣ, балки дар таҳвил ва таҳкими робитаҳо бо кишварҳои гуногуни хориҷӣ шароит ва имконоти мусоидро фароҳам овард. Тоҷикистони соҳибистиқлол аз ҷониби ағлаби кишварҳои дунё шинохта шуд ва тадриҷан бо аксарияти кишварҳо ҳамкорӣ ва равобити гуногунсатҳаро ба роҳ монд. Дар ин самт мамолики арабзабони Халиҷи Форс, бахусус Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, Қатар ва Аморотӣ Муттаҳидаи Араб мавкеи хосса доранд. Дар таҳвил ва таҳкими ҳамкорӣ ва робитаҳои мутақобила байни ин кишварҳо, дар баробари Ҳукумати кишвар ва вазорату муассисаҳои марбута, воситаҳои ахбори омма низ нақши бориз доранд. Агар мақомот роҳҳои сиёсӣ, дипломатӣ ва иқтисодиву фарҳангии равобити байни кишварҳоро ҷӯё шуда, баҳри таҳкими онҳо тадбирҳо андешиданд, воситаҳои ахборӣ омма раванди ин амалҳоро инъикос намуда, аз як тараф ба таҳким ва рушди ҳамкориву робитаҳои мутақобилаи байни давлатҳо нақш мегузоранд, аз тарафи дигар, дар оммавӣ гардонидани тадбирҳои сиёсиву дипломатӣ саҳм мегузоранд.

Омӯзишу пажуҳиши инъикоси равобити мутақобилаи Тоҷикистони соҳибистиқлол ва мамолики арабзабони Халиҷи Форс, бахусус Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, Қатар ва Аморотӣ Муттаҳидаи Араб ва ба ин васила муайян кардани нақши ВАО дар рушду такомули фаъолияти рӯзноманигории замонавӣ аз вазифаҳои муҳимми илми публитсистикашиносӣ маҳсуб меёбад. Ба ин мавзуъ ва масъала рабт доштани диссертатсияи Қаландаров Сарабек Давлатёрович **аҳаммияти кори таҳқиқии ӯро** бозгӯ менамояд.

Агар ба пешинаи таҳқиқи мавзуъ мутаваҷҷеҳ шавем, маълум мегардад, ки то ин замон доир ба мавқеъ ва нақши ВАО-и кишварҳои араб дар раванди ҷаҳонишавӣ, проблемаҳои озодии сухан ва хусусиятҳои васоити ахбори оммаи ин кишварҳо аз ҷониби муҳаққиқони рус таҳқиқоти зиёди илмӣ анҷом дода шудааст, аммо ба ин масъала муҳаққиқони тоҷик камтар таваҷҷуҳ намудаанд. Дар пажуҳишҳои бaанҷомрасида, асосан ба воситаҳои ахбори оммаи кишварҳои араб маълумоти умумии таърихӣ

оварда шуда бошад ҳам, робитаҳои муосири Тоҷикистон бо кишварҳои араб, хосса нақши ВАО дар инъикоси ҳамкориву робитаҳо баррасӣ нашудааст. Дар ин асос метавон гуфт, ки таҳқиқи ин масъалаҳо **аҳаммияти махсуси илмӣ** дорад. Диссертант барҳақ қайд намудааст, ки «ВАО метавонад, дар ташкил ва рушди муносибатҳои гуногунҷанбаи кишварҳои мухталиф замина ва шароит фароҳам орад. Таҷрибаи ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои араби Халиҷи Форс собит месозад, ки дар раванди оммавигардонии муносибатҳои ин кишварҳо ВАО нақши бориз дорад» (диссертатсия, с. 5).

Дар чанд банди **шиносномаи** ихтисоси илмии **10.01.10 – Рӯзноманигорӣ** пажуҳиши нукоте тарҳрезӣ шудааст, ки ба таҳқиқи таърихи матбуоти тоҷик, нашрияҳои даврии ҷудогона, нақши ВАО дар инъикоси масъалаҳои муҳим, масоили марбут ба мавзую муҳтаво, шаклу ороиш, жанр, анъанаю навоварӣ ва мухтассоти ғоявию фактӣ ва амсоли ин иртибот мегирад. Аз ин ҷиҳат, мавзуи диссертатсияи тақризшаванда ба доираи мавзуъҳо ва масоили пажуҳишии шиносномаи ихтисоси илмии **10.01.10 – Рӯзноманигорӣ** комилан **мувофиқат менамояд.**

**Навгонии илмии диссертатсияи** Қаландаров Сарабек Давлатёрович дар он зоҳир мешавад, ки бори нахуст дар қолаби рисолаи таҳқиқӣ нақши ВАО дар инъикоси муносибату ҳамкориҳои Тоҷикистон бо кишварҳои араби Халиҷи Форс таҳқиқ гардида, ҳамчунин, ба масоили мавқеи кишварҳои араб дар фазои геополитикаи ҷаҳони муосир, ҷанбаҳои таърихӣ ва вазъи кунунии муносибатҳои Тоҷикистон бо кишварҳои араби Халиҷи Форс, дараҷа ва таносуби инъикоси равобити дипломатӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ дар агентиҳои иттилоотии кишварҳои араб (ШАС, АМА, Қатар), инъикоси ҳаводиси Тоҷикистон дар расонаҳои кишварҳои араби Халиҷи Форс ва бозтоби рӯйдодҳои кишварҳои араб дар ВАО-и Тоҷикистон, вижагиҳои жанрии маводди марбут ба воқеиятҳои Тоҷикистон ва кишварҳои араб дар ВАО-и мутақобила таваҷҷуҳи хосса зоҳир шудааст.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** бо он асоснок карда мешаванд, ки дар кори диссертатсионии мазкур аз дастовардҳои илмӣ ва осори назарии сиёсатшиносон ва публитсистикашиносони ватанию хориҷӣ ба ҳадди зарурӣ истифода гардида, маълумоту сарчашмаҳо асосан мушаххасанд. Ҳамчунин, ҳаҷми маводди таҳқиқ, коркарди натиҷаҳо ва теъдоди интишорот дар мавзуи диссертатсия ба талаботи мавҷуда барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси рӯзноманигорӣ мувофиқат менамоянд. Омӯзиши сарчашмаҳои адабӣ ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқию баррасии масъалаҳои дар бобу фаслҳои диссертатсия тарҳрезишуда ба муаллиф имкон додааст, **хулоса ва**

**тавсияҳои** боэътимод бароварда, дурнамои мавзуъҳои таҳқиқии марбут ба дигар самтҳои фаъолияти воситаҳои ахбори омма дар инъикоси робитаҳо миёни Тоҷикистони соҳибистиқлол бо кишварҳои дигарро дуруст муайян намояд.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад**, ки маводди диссертатсия, натиҷаҳо ва равиши таҳқиқии муаллиф дар омӯхтани паҳлуҳои гуногуни фаъолияти рӯзноманигорӣ, хосса рӯзноманигории сиёсиву дипломатӣ, вусъати донишҳои илмиву назариявиро дар самти шинохти касбии ҳамкориву робитаҳои мутақобилаи кишварҳо, нақши ВАО дар инъикоси воқеиятҳои дуҷониба, таҳкими муносибатҳо, дарки масъалаҳои глобалӣ ва амсоли ба унвонҷӯёну довталабони дараҷаҳои илмӣ ва магистрантону донишҷӯён ҳамчун маводи назарии илмӣ ёрӣ расонида метавонад.

Қаландаров Сарабек барои анҷом додани кори таҳқиқиаш дар назди худ мақсаду вазифаҳои мушаххас гузошта, **нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшавандаро** дар 10 банд манзур намудааст. Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодгардида муҳтавои фаслу бобҳои диссертатсияро фаро гирифта, дар самти шинохту таҳқиқи ҳамкориву робитаҳо байни кишварҳои Халиҷи Форс ва нақши агентиҳои иттилотӣ дар инъикоси воқеиятҳои гуногун аҳаммияти махсуси илмӣ доранд.

Диссертатсияи Қаландаров Сарабек Давлатёрович аз муқаддима, 4 боб, 10 фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия таркиб ёфтааст. Дар фаслу бобҳои диссертатсия шеваи хуби таҳқиқӣ, истинод бар маъхазҳо, муҳокимаю бардоштҳо ва хулосаҳои ҷолиб ба назар мерасанд.

Дар муқаддимаи диссертатсия ҳамаи зербахшҳои зарурӣ тибқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусан, Тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ таҳия ва манзур шудаанд.

**Боби якуми** диссертатсия **«Раванди ташаккули муносибатҳои Тоҷикистон бо кишварҳои араби Халиҷи Форс»** унвон дошта, аз **ду фасл** таркиб ёфтааст. Дар фасли аввали боби якум, ки **«Мавқеи кишварҳои араб дар ҷаҳони муосир»** ном гирифтааст, бар асоси сарчашмаҳои илмӣ ва матбуотӣ маълумоти мушаххас манзур гардида, шаклҳои муосири ҳаёти сиёсии давлатҳои Шарқи Араб, низомҳои сиёсии кишварҳои араби Халиҷи Форс, иртиботи байниҳамии сохторҳои давлатӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, ташкилотҳо, равияҳои ғайрирасмии дорои хусусияти иҷтимоию сиёсӣ ва амсоли ин баррасӣ шудааст. Аз

муҳтавои ин фасл маълум мешавад, ки низомҳои давлатдории кишварҳои араби Халиҷи Форс шоҳӣ ё амириву султонӣ мебошад.

Ҳар кадом аз кишварҳои араби Халиҷи Форс кӯшиш менамоянд, ки дар самти сиёсати хориҷии худ, дар минтақа накши муҳим ва ҳалкунанда дошта бошанд. Аз ҷумла, сиёсати хориҷии ШАС гуногунсамт (арабӣ-мусулмонӣ, аврупоӣ, амрикоӣ ва инчунин самтҳои навбунёди "осиёӣ") буда, дар такмили муносибатҳо, ҳалли мушкилоти субот ва амният дар минтақаи Халиҷи Форс, Шарқи Наздик (Ховари Миёна) ва дар маҷмуъ ҷаҳони арабу мусалмон мусоидат мекунад.

Давлати Қатар солҳои охир ба пешвои минтақа табдил ёфта, мехоҳад дар минтақа на танҳо нуфузи иқтисодӣ, балки сиёсӣ низ дошта бошад. Ин кишвари хурд бо истифода аз захираҳои бузурги молиявиаш хоҳиши дар минтақавӣ роҳбар шуданро дорад.

Амороти Мутаҳҳидаи Араб дар сиёсати хориҷии худ нисбат ба дигар кишварҳои арабии узви Созмони ҳамкории кишварҳои араби Халиҷи Форс муътадилтар аст. Ин кишвар дар миёни кишварҳои дигари Ховари Миёна аз нигоҳи иқтисод ҷойи намоёнро ишғол мекунад. Меҳвари сиёсати хориҷии ин кишвар рушди тиҷорат ва сармоягузорӣ буда, ҳадафи асосии он ҷилавгирӣ аз паҳншавии бухронҳои гуногуни минтақавӣ дар қаламрави худ мебошад.

Пешинаи робитаҳои Тоҷикистон бо кишварҳои арабизабон муҳтавои асосии **фасли дуюми боби аввалро** ташкил медиҳанд. Аз дараҷаи таҳқиқи мавзуъ ва фасли дуюми боби аввал маълум мешавад, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз оғози Истиқлол ба эҳё ва густариши равобиту ҳамкориҳои васеъ бо кишварҳои араби Халиҷи Форс таваҷҷуҳ намуда, робитаҳои гуногунҷанбаро бо ин кишварҳо ҳамчун яке аз самтҳои муҳимми сиёсати хориҷии худ муайян намуда, тавассути сармоягузорӣ дар татбиқи тарҳҳои гуногун аз имкониятҳои молиявии онҳо истифода намудааст.

Диссертант ба он назар аст, ки "Заминаҳои қонунии созишномаҳои ҳамкории иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва ғайра бо кишварҳои зикршуда фароҳам гашта, ҳамзамон ҳукумати Тоҷикистон дар амалӣ намудани самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷӣ қадамҳои ҷиддӣ мегузорад, ки аз дурнамои манфиатбори равобит бо кишварҳои араби аз лиҳози иқтисодӣ пешрафта, минҷумла Арабистони Саудӣ, Қатар ва АМА дарак медиҳад. Акнун вақти он расидааст, ки сатҳи равобити гуногунсамти Тоҷикистону кишварҳои мазкур низ ба таври ҷиддӣ тағйир дода шуда, сатҳи ҳамкориҳои иқтисодии ҷавобгӯйи манфиатҳои муштараки дарозмуддат ва имкониятҳои ғании мавҷуда баланд бардошта шавад. Истифода бурдани ҳамаи

василаҳои дастрас – суханрониву суҳбатҳо тавассути воситаҳои ахбори омма, тавсеа бахшидани робитаҳо тавассути созмонҳои ҷамъиятӣ ва тарғиби дастовардҳои илму навовариҳои якдигар зарур аст” (диссертатсия, с. 92).

Раванди муносибатҳо нишон медиҳад, барои густариши онҳо захираи кофӣ ҳамаҷониба мавҷуд аст. Аз ҷумла, барои Тоҷикистон имконияти бештари рушди ҳамкориҳо дар соҳаҳои тандурустӣ, саноат, обрасонӣ ва обёрӣ, хӯроквoрӣ, кишоварзӣ ва туризм, техникаю технология мавҷуд аст, ки аз онҳо бояд истифода кард.

Диссертант дар тақвияти андеша суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро меорад, ки аз дурнамои неки ҳамкориҳо бо кишварҳои араби Халиҷи Форс дарак медиҳад. “Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ таҳкими робитаҳои гуногунҷанбаро бо кишварҳои аъзои Шурои ҳамкории кишварҳои араби Халиҷ ҳамчун яке аз самтҳои муҳимми сиёсати хориҷии худ муайян намуда, ба ояндаи онҳо назари нек дорад. Мо умед дорем, ки кишварҳои араби Халиҷ ва ниҳодҳои молиявии онҳо тавассути сармоягузорӣ дар татбиқи тарҳҳои гидроэнергетикӣ саҳм хоҳанд гузошт” (диссертатсия, с. 93).

Довталаби дараҷаи илмӣ дар **боби дуюми** диссертатсия, ки **«Инъикоси муносибатҳои мутақобилаи Тоҷикистону кишварҳои араб дар агентиҳои иттилоотии кишварҳои араби Халиҷи Форс»** унвон дорад, ба пажуҳиши мавзуъ ва муҳтавои маводи агентиҳои иттилоотии ин кишварҳо пардохта, кӯшиш кардааст, ки маводи марбут ба муносибатҳои мутақобилаи Тоҷикистону кишварҳои арабро аз нигоҳи мавзуъ ва масъала тасниф ва баррасӣ намояд.

Боби мазкур шомили се фасл буда, меъёри тасниф аз рӯйи агентии кишварҳои алоҳидаи араби Халиҷи Форс сурат гирифтааст. Ба ин манзур, агар дар фасли аввал инъикоси воқеиёти Тоҷикистон дар агентии иттилоотии Саудӣ баррасӣ шуда бошад, дар фасли дуюм бозтоби муносибатҳои дуҷониба кишварҳо дар агентии иттилоотии Қатар ва дар фасли сеюм накши агентии иттилоотии Аморот дар инъикоси воқеаҳои Тоҷикистонном таҳлил ва накши агентиҳои мазкур дар инъикоси муносибатҳои мутақобилаи Тоҷикистону кишварҳои араби Халиҷи Форс муайян шудааст.

Аз таҳлилу баррасиҳои диссертант бармеояд, ки агентиҳои иттилоотии кишварҳои араби Халиҷи Форс бештар дар инъикоси рӯйдодҳои марбут ба Тоҷикистон бештар ба: а) робитаҳои дипломативу сиёсии Тоҷикистон (сафарҳои расмӣ аз ду ҷониб, имзои қарордодҳо ва ғ.); б) ҳамкориву робитаҳои иқтисодӣ, тиҷоратӣ, амниятӣ, фарҳангӣ ва

иҷтимоӣ; в) кумакҳои башардӯстонаи ШАС ба Тоҷикистон эътибор додаанд.

Бо вуҷуди ин, таносубан муносибати агентиҳои мавриди пажуҳиш дар инъикоси воқеиятҳои Тоҷикистон яксон набудааст. Агар дар агентии иттилоотии Саудӣ ҳамкориву робитаҳои мутақобилаи кишварҳо нисбатан васеъ инъикос ёфта бошад, дар агентии иттилоотии Қатар бештар ба ахбори расмӣ, натиҷаи сафарҳои расмии ҷонибҳоро инъикос шудааст. Диссертант бо таҳлилу баррасиҳо собит месозад, ки ин АИҚ баъзан аз маводи сомонаҳои хориҷӣ истифода мебарад. Ағлаби мавод хусусияти хабариву ташреҳӣ дошта, таҳлили амиқи ин ҳодисаҳо ва мавқеи аниқ дар таҳлилҳо кам ба назар мерасад.

Агентии иттилоотии Аморот асосан масъалаҳои муносибат ва ҳамкориҳои байни Тоҷикистон ва АМА-ро мунъакис намуда, дар қиёс бо дигар агентиҳои иттилоотии кишварҳои араб мавқеи беғаразона ва нисбатан бетафовутонаро ихтиёр кардааст.

Инъикоси ин ва дигар рӯйдодҳо дар агентиҳои иттилоотии кишварҳои араби Халиҷи Форс ба раванди инкишофи муносибат миёни ин кишварҳо ва муаррифии Тоҷикистон дар олами араб мусоидат мекунад. Диссертант бар он назар аст, ки агентиҳои иттилоотии арабӣ торафт доманаашонро васеъ намуда, дар баъзе ҳолатҳо дар рақобатҳои иттилоотӣ бо расонаҳои Ғарб дар як сатҳ қарор мегиранд. Аз ин рӯ, муаррифӣ гаштани Тоҷикистон дар олами араб ҳамчун давлати амну осуда ва демократӣ нуфузи байналмилалии Тоҷикистон ба шумор меравад.

**Боби сеюм – «Мавқеи ВАО-и Тоҷикистон дар бозтоби муносибатҳои дуҷониба бо кишварҳои араб»** низ аз се фасл иборат буда, аз нигоҳи сохтор ва муносибат ба боби дуюм шабоҳат дорад. Агар дар боби дуюм инъикоси воқеиятҳои Тоҷикистон дар агентиҳои иттилоотии кишварҳои араби Халиҷи Форс баррасӣ шуда бошад, дар ин боб инъикоси воқеиятҳои се кишвари араб дар агентиҳои Тоҷикистон таҳқиқ гардидааст.

Аз ҷумла, дар фасли аввали ин боб, ки **“Таҳлили мундариҷавии маводи АМИТ «Ховар»”** ном дорад, сатҳ ва дараҷаи инъикоси воқеиятҳои марбут ба муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистон бо кишварҳои араби Халиҷи Форс баррасӣ шуда, таносуби матолиб дар иртибот ба кишварҳои алоҳида муайян карда шудааст. Аз таҳлилу баррасиҳои диссертант бармеояд, ки дар сомонаи АМИТ «Ховар» дар муқоиса ба дигар кишварҳои араб ба рӯйдодҳои Шоҳигарии Арабистони Саудӣ бештар таваҷҷуҳ шудааст. Маводи ин агентӣ сафарҳои расмии мутақобилаи сарони давлатҳо, мулоқоту вохӯриҳои анҷомдодаи Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо роҳбарони ин ё он

кишвари араб ва мулоқотҳои мутақобилаи ҳайатҳои баландпояи байнидавлатӣ (вохӯрии сафирону вазирон, ҳайатҳои ҳукуматӣ) ва амсоли инро фаро мегирад.

Дар фасли дуюми боби сеюм таҳти унвони "**Вижагиҳои мавзуӣ ва масъалагузориҳо дар «Азия-Плюс»"** вазъ, ҳолати инъикос ва баррасии воқеиятҳои гуногун доир ба муносибату ҳамкориҳои Тоҷикистон бо Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, давлати Қатар ва Аморoти Муттаҳидаи Араб мавриди таҳқиқи илмӣ қарор гирифтааст.

Диссертант вежагиҳои умумӣ ва хоссаи ин агентиро дар инъикоси раванди муносибат ва ҳамкориҳои гуногунҷанбаи Тоҷикистон бо кишварҳои араби Халиҷи Форс, бахусус ШАС, Қатар ва АМА муайян намуда, ба натиҷаи дуруст расидааст, ки маводи агентии иттилоотии «Азия-Плюс» рангоранг буда, аз манбаъҳои гуногун хуб ва касбиёна гирифта шудааст. Маводи ин агентӣ на танҳо дар бораи воқеаву рӯйдодҳо иттилоъ медиҳад, балки бо ташреҳу таҳлили пасманзараи мавзуъҳо ва масъалаҳои алоқаманд ба онҳо ба хонанда дар интихоби матолиб ва дарку фаҳми масъалаҳои баррасишуда ёрӣ мерасонад.

Агентии иттилоотии «Азия-Плюс» дар интихоби мавзуъ (воқеаву рӯйдод)-и муҳим, таҳлилу баррасиҳои бо далел ва мунсифона, мавқеъгириҳои устувор ва натиҷагириҳои умедворкунанда аз агентиҳои дигар фарқ мекунад.

**Фасли сеюми боби сеюм**, ки «Таҳлили таносубии маводи расонаи «Pressa.tj» номгузорӣ шудааст», маводи ифодакунандаи муносибатҳои дипломатӣ ва ҳамкориҳои Тоҷикистон бо КАХФ, ки дар бахшҳои «Сиёсат», «Тоҷикистон», «Ҷаҳон», «Фарҳанг«, «Иқтисод», «Иҷтимоиёт» ва «Варзиш»-и ин сомона ба табъ расидааст, баррасӣ шудааст. Дар муқоиса ба АМИТ «Ховар» ва «Азия-Плюс» дар «Pressa.tj» бахшҳои «Тоҷикистон» ва «Варзиш» фаъолтар мебошанд.

Ҷанбаи хосси ин фасл дар он аст, ки диссертант дар раванди баррасии мавзуъ аз усули муқоиса кор гирифта, вежагиҳои умумӣ ва фарқкунандаи «Pressa.tj»-ро бо агентиҳои дигари объекти таҳқиқ муайян намудааст. Аз ҷумла ӯ дарёфтааст, ки агентиҳои мазкур дар инъикоси воқеа ва рӯйдоду ҳаводиси марбут ба ҳамкориҳои бисёрсамтаи Тоҷикистон бо кишварҳои ШАС, АМА ва Қатар расонаҳои мавриди таҳқиқ мавқеи ягона надоранд. Агар АМИТ «Ховар» ба мавқеи ҳукумати кишвар такя карда бошад, агентии «Азия-Плюс» ва сомонаи «Pressa.tj» ба расонаҳои хориҷӣ такя намуда, мавқеашон равшан накардаанд.

Боби чорумро, ки **«Вижагиҳои жанрии маводи ВАО марбут ба муносибатҳои дутарафаи Тоҷикистон ва кишварҳои араби Халиҷи**

**Форс»** ном дорад, аз лиҳози муҳтаво ва пурборӣ шартан яке аз бобҳои меҳварии рисола метавон номид. Дар ин боб, ки аз ду фасл иборат аст, аз тамоми агениҳои объекти таҳқиқ мавод интихоб гардида, истифодаи аносири жанрӣ дар инъикоси воқеиятҳои иҷтимоӣ ва рӯйдодҳои марбут ба мавзуъ тариқи таҳлилҳои муқоисавӣ нишон дода шудааст.

Дар фасли аввали боби чорум, ки **«Инъикоси ҳамкориҳои Тоҷикистону кишварҳои араби Халиҷи Форс дар қолаби жанрҳои хабарӣ»** ном дорад, вижагиҳои маводди иттилоотии расонаҳои алоҳида баррасӣ гардида, дараҷаи бозтоби хабарии воқеиятҳои марбут ба ҳамкориҳои Тоҷикистону кишварҳои араби Халиҷи Форс мушаххас карда шудааст.

Диссертант ҳангоми таҳқиқ ва арзёбии масъалаи ҳамкориҳои Тоҷикистону кишварҳои араби Халиҷи Форс дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон перомуни жанрҳои хабар, ҳисобот, мусоҳиба мулоҳиза ронда, вижагиҳои таҳияи маводи хабарӣ, авомили хабар, умумият ва тафовути хабарнависӣ дар расонаҳои гуногун, усулҳои ҷолибсозии хабар, ҳисобот ва мусоҳиба ва тарзу тариқаи таҳияи онҳоро бо таҳлили матолиби гуногуни агентиҳои иттилоотии объекти таҳқиқ муайян намудааст.

Ҳарчанд дар инъикоси предмети таҳқиқ аз жанрҳои маъмулии ахборӣ: хабар, ҳисобот, мусоҳиба ва репортаж истифода шудааст, аммо таносубан жанрҳои хабар ва ҳисобот зиёдтар аст. Хабарҳо аз нигоҳи сохт гуногун буда, мазмуну муҳтавояшон баъзан аз доираи далели мушаххас берун аст.

Фасли аввали боби чорум **«Корбурди жанрҳои таҳлилӣ дар инъикоси муносибатҳои дуҷонибаи кишварҳо»** ном дорад. Дар он аслан се жанри таҳлилии публитсистика: мақола, нигориш ва табсира баррасӣ шудааст, зеро агентиҳои иттилоотии чи кишварҳои араби Халиҷи Форс ва чи Тоҷикистон дар инъикос ва баррасии воқеият ва масъалаҳои марбут ба муносибатҳои дуҷониба бештар аз қолаби ин жанрҳо истифода кардаанд.

Як вежагии фарқкунандаи ин фасл дар он аст, ки дар он маводди агентиҳои гуногуни ватаниву хориҷӣ аз нигоҳи жанрӣ баррасӣ гардида, қонунмандиҳои сохторӣ, шаклӣ ва услубии матнҳои гуногун муайян карда шудааст. Аксарияти қолабҳои жанрии дар агентиҳои иттилоотӣ истифодашуда ба маводи марбут ба мавзуъ алоқаманд буда, барои ҳалли вазифаҳои мушаххаси эҷодӣ, ҷолибу муассир гардонидани мавзуъ, ҷалби таваҷҷуҳи хонанда ва дарку маърифати масъалаҳо ёрӣ расонидааст.

**Хулосаи диссертатсияи** Қаландаров Сарабек Давлатёрович фарогири муҳимтарин бардоштҳои илмии муаллиф буда, дар 22 банд фароҳам омадаанд ва истиноди зарурӣ дар охири ҳар банд ба мақола ва

таълифоти довталаби дараҷаи илмӣ оварда шудааст. Хулосаҳо дар заминаи баррасии мавзуи меҳварӣ ва муҳтавои фаслу бобҳои диссертатсия ба вуҷуд омадаанд.

Дар баробари дастовардҳои илмӣ ва муҳокимаю хулосаҳои ҷолиби таваҷҷуҳ диссертатсияи тақризшаванда аз норасоиҳо низ орӣ нест:

1. Ба андешаи мо, баъзе фаслу бобҳои диссертатсия таҷдиди назар мехоҳанд. Масалан, унвони фасли аввали боби якум “Мавқеи кишварҳои араб дар ҷаҳони муосир” ба унвони боб, ки “Раванди ташаккули муносибатҳои Тоҷикистон бо кишварҳои араби Халиҷи Форс” ном дорад, чандон мувофиқат намекунад.

2. Дар диссертатсия доир ба ҳамкорӣ ва муносибатҳои гуногунҷанбаи Тоҷикистон бо кишварҳои араби Халиҷи Форс маводди зиёд истифода шудааст, ки хуб аст. Аммо баъзан маводди агентиҳои ҷудогона ба ҳам монанд буда, мазмунан дар бораи як воқеа ва ё рӯйдод иттилоъ медиҳанд. Дар шакли умумӣ ва тариқи муқоиса баррасӣ намудани чунин мавод, боиси боз ҳам баланд гардидани дараҷаи илмии диссертатсия мегардиду ҳам камтар гардидани ҳаҷми он.

3. Дар бобҳои дуюми сеюми диссертатсия, ки инъикоси муносибатҳои мутақобилаи Тоҷикистону кишварҳои араб дар агентиҳои иттилоотии кишварҳои араби Халиҷи Форс ва Тоҷикистонро дар бар мегирад, дар бораи агентиҳои иттилоотии мавриди таҳқиқ маълумот додан чандон зарурат надошт.

4. Аз истифодаи зиёд ва баъзан бемавриди калимоту ибораҳои туфайлӣ, аз ҷумла “қобили зикр (тазаккур) аст, ки ...” (с. 21, 23, 39, 46, 51, 56, 60, 73, 78, 80, 84, 86, 89, 90), “зикр кардан ба маврид аст, ки ...” (с. 23,), “бояд зикр (қайд) кард, ки ...” (с. 26, 38, 42, 44, 60, 67), “бояд гуфт, ки ...” ( с.62), “мавриди зикр аст, ки ...” (с. 50, 62, 85) ва ғайра, ки танҳо дар боби аввали диссертатсия ба мушоҳида расид.

5. Дар саҳифаҳои гуногуни диссертатсия (саҳ. ) ва автореферат (с. 6, 8, 11, 15, 16, 18, 21, 29, 36, 41, 48, 52, 62) ғалатҳои имлоӣ, китобатӣ, техникӣ ва гуногуннависӣ мушоҳида мешаванд.

Ба таври умум, эродҳои зикршуда ислоҳпазир буда, асосан, хусусияти тавсиявӣ ва пешниҳодӣ доранд.

Автореферат ва мақолаҳое, ки диссертант оид ба мавзуи таҳқиқӣ нашр намудааст, муҳтавои диссертатсияро фаро гирифтаанд. Воқеан, мавзуи интихобнамудаи ӯ ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ мувофиқат мекунад. Ҳамчунин, коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри

таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯст.

Хулоса, диссертатсияи Қаландаров Сарабек Давлатёрович «Нақши ВАО дар инъикоси равобити мутақобилаи Тоҷикистони соҳибистиқлол ва мамолики арабзабони Халиҷи Форс (Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, Қатар ва Амороти Муттаҳидаи Араб)» ба талаботи бандҳои 32-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллиф сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ мебошад.

**МУҚАРРИЗИ РАСМӢ:**

доктори илмҳои филологӣ,
дотсенти кафедраи лингвистикаи
филиали Донишгоҳи давлатии Москва
ба номи М. В. Ломоносов
дар шаҳри Душанбе **Ҳасанова Тахмина Ғаюровна**
«07» октябри соли 2025.

***Нишонӣ:*** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, к. Бухоро, 34, блок Г, х. 7
***Тел.: (+992) 935101116***
***E-mail:*** ***azamat99996@mail.ru***

*«Имзои д.и.филол. Т.Ғ. Ҳасановаро тасдиқ мекунам»*

**сардори шуъбаи сиёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**филиали Донишгоҳи давлатии Москва**
**ба номи М. В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе** **Пирназар С.М.**
***Нишонӣ:*** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, к. Бохтар, 35/1
*Тел.:* (+992) 37 2219941
*Сомона:* https://msu.tj/